**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**Тақриз**

**ба автореферати рисолаи номзадии Шарипов Умедҷон Абдукаримович дар мавзӯи “Назария ва амалияи танзими шартномавии хизматрасонии музднoки машваратӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Масоили танзими шартномавии хизматрасонии музднoки машваратӣ дар шароити рушди босуръати бозори ин навъи хизматрасониҳо ва ба муомилоти гражданӣ ворид гардидани намудҳои нави онҳо бешубҳа хеле мубрам аст. Таҳқиқоти мазкур нахустин кори муназзам ва маҷмӯан суратгирифтаи танзими шартномавии хизматрасонии музднoки машваратӣ маҳсуб ёфта, таҳлилу баррасии назария ва амалияи он дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон, ки роҳи иқтисоди бозоргониро пеш гирифтааст, муҳиммияти боз ҳам бештарро касб менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол таҳқиқоти диссертатсионии алоҳида дар ин самт анҷом дода нашудааст. Аз ҷумла, аксарияти ҷанбаҳои ҳуқуқи граждании хизматрасонии музднoки машваратӣ, ки танзими махсусро талаб менамоянд, ҳанӯз коркард нашудаанд. Ҳарчанд баъзе таҳқиқотҳо дар шакли мақола, маърӯза ва дигар навъи пажӯҳишҳо рӯйи кор омада бошанд ҳам, аммо дар онҳо масъалаи танзими шартномавии хизматрасонӣ дар умум баррасӣ шудааст, на танзими шартномавии хизматрасонии музднoки машваратӣ. Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани ин холигӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии Шарипов Умедҷон Абдукаримович мубрам ба ҳисоб меравад.

Мақсади таҳқиқоти илмиро таҳлили проблемаҳои назариявӣ, амалӣ ва муқаррароти қонунгузорӣ, ки хизматрасонии музднoки машваратиро ба танзим

медароранд, маҳсуб ёфта, дарёфти роҳҳои ҳал ва пешниҳоди тавсияву таклифҳоро оид ба мукаммал гардонидани қонунгузорӣ фаро мегирад. У.А. Шарипов дар доираи диссертатсияи илмии худ дар мавзӯи «Назария ва амалияи танзими шартномавии хизматрасонии музднокии машваратӣ» тавонистааст, ки ҷиҳати расидан ба мақсади гузошташуда вазифаҳои таҳқиқотии пешбинишударо ба ҳадди дахлдор ҳал намояд.

Дар диссертатсия усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ бо дарназардошти мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Аз ҷумла, усулҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, функсионалӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез дар диссертатсия истифода шудаанд. Аз усулҳои махсуси илмӣ бошад, усули шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бештар ба кор бурда шудаанд. Ҳамаи ин ба таъмини самаранокии танзими шартномавии хизматрасонии музднокии машваратӣ дар амал нигаронида шудааст.

Шиносоӣ бо сохтор ва мазмуни автореферат нишон медиҳад, ки дар раванди кор бо диссертатсия У.А. Шарипов масоили мубрами мавзӯъро таҳқиқ намуда, тавонистааст, ки падидаи хизматрасонии музднокии машваратӣ ва танзими шартномавии онро таҳлилу баррасӣ намояд. Таҳқиқи назариявию амалии мавзуъ имкон додааст, ки мафҳуму моҳият, хусусиятҳои ҳуқуқӣ ва таснифоти машварату хизматрасонии машваратӣ асоснок карда шавад, сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии хизматрасонии музднокии машваратӣ, мафҳум ва табиати ҳуқуқии онҳо, ҳама қисмҳои таркиби шартномаи хизматрасонии музднокии машваратӣ – мавзуъ, вазъи ҳуқуқӣ, ҳуқуку ухдадориҳои тарафҳои шартнома, мафҳум, асосҳо ва шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣи тарафҳои шартномаи хизматрасонии музднокии машваратӣ муайян гардад.

Мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти илмиро ба инобат гирифта, ҷиҳати самаранокии натиҷаҳои бадастомадаи он нуктаҳои зерини тавсияviро қобили қайд мешуморем:

1. Таҳқиқотро идома дода, ба ҷиҳати таърихии масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашударо ба нашр расонад, то ки

онҳо ба нафъи ҳамаи сохторҳои манфиатдор ва шахсон, аз ҷумла соҳибкорон истифода гарданд.

2. Афзалият ва норасоиҳои қонунгузории танзимкунандаи хизматрасонии музднoки машваратӣ дар марҳилаҳои алоҳидаи рушди ҷомеа нисбатан пурра нишон дода шаванд.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсияи унвонҷӯ бармеояд, ки он дорои унсурҳои навгонии илмӣ буда, муқаррарот ва хулосаҳояш метавонанд дар пурра намудани норавшаниҳои ҳуқуқи граждани, кушодани печидагиҳои илми ҳуқуқи граждани, мукаммал намудани таълими ҳуқуқи хусуси, махсусан ҳуқуқи граждани ва ҳуқуқи соҳибкорӣ ва беҳтар намудани заминаи қонунгузории гражданини муосир истифода шавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон дар маҷмуъ хулоса кард, ки диссертатсияи илмии таҳиякардаи Шарипов Умедҷон Абдукаримович дар мавзӯи «Назария ва амалияи танзими шартномавии хизматрасонии музднoки машваратӣ» кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ҷавобгӯйи тамоми талабот (махсусан бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст) буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Маҳмадшозода Ф.А.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 13. Тел.: (+992 37) 227-47-71, 227-42-43. E-mail: info@mmk.tj

“Имзои Ф.А. Маҳмадшозодаро тасдиқ мекунам”
Сардори бахши кадрҳо ва коргузории маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонзода Ш.И.

БАХШИ КАДРҲО